**Суратмаҷлиси № 4**

ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-003 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) - доктор аз рӯйи ихтисос доир ба ихтисоси 6D060600-Химия

5 ноябри соли 2020 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** Аз *19* нафар аъзои Шӯрои диссертатсионии бо фармоиши КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2019, № 110 тасдиқгардида *16* нафар иштирок доранд, ки аз онҳо 4 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Пешниҳод шуд, ки ҷаласа кушода эълон карда шавад, пешниходи дигар нест? Нест. Якдилона пешниҳод ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимоя иҷозат додани диссертатсияи Олифтаева Жола Абдулниёзовна дар мавзӯи «Салби кислотаҳои гуминӣ аз ангиштҳои Тоҷикистон, таҳқиқ ва модификатсияи онҳо бо фуллерен $C_{60}$ дар мисоли кислотаҳои гуминии ангишти «Шӯроб»» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – химияи органикӣ, тасдиқи муқарризони расмӣ, ташкилоти пешбар, таъйин намудани санаи ҳимоя.

Аз рӯйи масъалаи мазкур раиси комиссияи ташхиси шӯрои диссертатсионӣ доктори илмҳои химия, профессор Бандаев С.Г., аъзои комиссияи ташхис н.и.х., дотсент Олимов Р.А. баромад намуданд (Хулосаи комиссияи ташхис замима мегардад).

**Қарор карда шуд:**

1. Диссертатсияи Олифтаева Жола Абдулниёзовна дар мавзӯи «Салби кислотаҳои гуминӣ аз ангиштҳои Тоҷикистон, таҳқиқ ва модификатсияи онҳо бо фуллерен $C_{60}$ дар мисоли кислотаҳои гуминии ангишти «Шӯроб»» барои дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои химия аз рӯйи ихтисоси 02.00.03 – Химияи органикӣ ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ таъйин карда шаванд:

**-Бандаев Сирочиддин Гадоевич** – доктори илмҳои химия, профессори кафедраи химияи органикӣ ва биологияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ;

**-Бобиев Холмурод Абдулвадудович**– номзади илми химия, дотсент, мудири кафедраи химияи Донишгоҳи Аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур.

3. Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳандаи диссертатсия Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи акад. М.С.Осимӣ, кафедраи «Коркарди энергиябарандаҳо ва хизматрасонии нафту газӣ» таъйин карда шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи минбаъда дар сомонаи КОА назди Президенти ҶТ ва нашри автореферат иҷозат дода шавад.

3. Таърихи рӯзи ҳимоя «11» феврали соли 2021 таъйин карда шавад.

**Қарор қабул карда шуд:** якдилона

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои химия, профессор Сафармамадзода С. М.

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои химия, дотсент Давлатшоева Ҷ.А.